**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025. - 40 саҳ.).**

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррароти асосии ибтидоӣ доранд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам шудаанд ва мазмун, хусусиятҳои муҳтавоӣ ва самти онро инъикос менамоянд. Принсипҳои мазкур заминаи бунёдии танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо буда, дар баробари ин ба ташаккули меъёрҳои соҳаҳои ҳамсояи ҳуқуқ низ таъсир мерасонанд.

Зикр намудан зарур аст, ки принсипҳои ҳуқуқ, дар якҷоягӣ бо мавзуъ ва усулҳои танзими ҳуқуқӣ, дар институционализатсия ва муайянкунии ҳар як соҳаи ҳуқуқ накши калидӣ мебозанд, зеро онҳо хусусиятҳои муҳтавоӣ ва мустақилияти методологии онро инъикос менамоянд. Аз ин лиҳоз, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад, ки онҳо аз санадҳои кодификатсионии қаблан мавҷудбуда фарқ мекунад. Муқаррар намудани принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун принсипҳои низомсозӣ ба танзими ҳуқуқӣ дар ин самт асоси устувори консептуалӣ дода, ба татбиқи мақсадҳои қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат менамояд ва ҳамчун механизме хизмат

мекунад, ки ҳамҳангӣ, пайдарпайӣ ва самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро таъмин менамояд.

Муқаррар намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин ҷустуҷӯи шаклҳои муҳими ифодаи ҳуқуқии онҳо ҷузъҳои таркибии навсозӣ ва рушди устувори низоми ҳуқуқӣ мебошанд. Ин принсипҳо вазифаи низомсозиро иҷро намуда, ягонагии меъёрӣ ва пайвастагии мантиқии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятиро таъмин менамоянд. Институтсионализатсияи онҳо кафолати эътимоди ҳуқуқӣ ва пешгӯишавандаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро таъмин намуда, аз тафсири худсарона ва татбиқи қонуни ҷиноятӣ пешгирӣ менамояд. Илова бар ин, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқи талаботи қонуният, адолат ва таносуби ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар амалияи ҷиноятӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти махсус оид ба ин мавзуъ вуҷуд надорад ва дар маҷмуъ танҳо чанд нафар аз олимони ватанӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Гузаронидани таҳқиқоти амиқ дар ин соҳа бевосита ба инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ва дар амал татбиқ намудани муқаррароти он мусоидат мекунад. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Шерализод С.М. ба паҳлуҳои норавшани масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Диссертатсияи Шерализод С.М. фарогири феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Пажуҳишгар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалияро таҳқиқ намудааст. Муаллиф дар автореферати диссертатсия қайд мекунад, ки «Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба м.м. 18 ва 30 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ шуморида шудааст. Тағйироти мазкур имкон медиҳад ҳолатҳои гунаҳкории мураккаб дақиқтар танзим карда

шаванд ва ҳамоҳангии меъёрҳое, ки масъалаҳои гунаҳкорӣ ва ҷавобгарии ҳамшариконро танзим мекунанд, таъмин гардад. Таклифҳои пешниҳодгардида ба таҳкими принсипҳои қонуният, баробарӣ ва адолат, инчунин ба баланд бардоштани сифати танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд. (саҳ. 11).

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, мурофиавӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем:

1. Дар саҳифаи 20-21 автореферат муаллиф принсипҳоро ба асосӣ ба дуюмдараҷа ҷудо намудааст. Лекин таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки ба ин гуруҳҳо кадом принсипҳо дохил мешаванд, муайян нест. Бинобар ин аз муллиф талаб карда мешавад, ки ин принсипҳоро муайян ва асоснок намояд.

2. Муаллиф дар саҳифаи 24 автореферат чунин менависад: Вақте ки сухан дар бораи ҷавобгарии ҷиноӣ меравад, баробарӣ дар назди қонун ба ҳама шахсон дахл дорад. Ҳеҷ кас истисно нест. Ҳар як шахс барои ҷинояти содиркардааш, новобаста аз ҳолатҳои номбаршуда, ҷавобгар аст. Ҷавобгарии ҷиноятии категорияҳои алоҳидаи шахсон (судяҳо, вакилони халқ, кормандони дипломатӣ ва ғайра) бо тартиби махсус амалӣ карда мешавад. Оё дар инҷо принсипи баробарии ҳама дар назди қонун мавқеи худро гум намекунад?

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия», кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссиям олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**муовини директори Институти омӯзиши**
**масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо**
**оид ба илм ва таълими АМИТ** **Сангинзода Д.Ш.**

**Имзои Сангинзода Д.Ш.-ро тасдиқ менамоям:**
**Нозири калони кадр ИОМДОА-и АМИТ** **Зухуров А.Я.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.**
**Тел. 221-03-28; 980850707; E-mail** rustamhaydarov.tjk@gmail.com,
**doniyor_sanginov@mail.ru**

**«11» 08 2025 с.**